**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 014 назди Донишгоҳти давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо суроғаи ш.Душанбе, 734067, кӯчаи Нахимов, 64/14**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич дар мавзуи «Такмили механизми устувории низоми бонкии Тоҷикистон дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.**

Дар давраи иқтисодиёти бозорӣ ва тағйирёбии равандҳо ва муносибатҳои иқтисодии ҷомеаи имрӯза низоми бонкӣ ҳамчун як низоми таҳаммулпазири фишорҳои иқтисодӣ ва муҳаррики пешбарандаи рушди иқтисодиёти ҳар як давлат маҳсуб ёфта, ҳамзамон ба фаъолияти ҳамарӯзаи корхонаву муассисаҳои истеҳсолию ғайриистеҳсолӣ ва ба шаҳрвандони алоҳида хизматрасонӣ менамояд.

Бинобар ин интихоби мавзӯи мазкур аз нуктаи назари замонавӣ буданаш актуалӣ ва фарогири масъалаҳои муҳими устувории бонкӣ мебошад. Пешрафти ҷомеаи иқтисодӣ дар маҷмӯъ аз ҳолати хуби устуворӣ ва иқтидори молиявию захиравии низоми бонкӣ вобастагии зиёд дорад.

Дар рафти омӯзиши масъалаҳои асосии такмили механзмҳои устувории низоми бонкӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон, як қатор нишондиҳандаҳо ва масъалаҳои марбути соҳа таҳлил ва баррасӣ гардида дар заминаи он роҳҳои имконпасири таъмин намудани рушди соҳа муаян шудаанд. Ҳамчунин дар диссертатсияи мазкур амалиёт ва хизматрасониҳои муҳиме, ки дар анҷоми онҳо то як андоза осебпазирии бонк дар давраҳои оянда эҳсос мегардад мавриди таҳлил қарор дода шудаад. Вобаста ба ин тағйиротҳои солҳои охир собит намуданд, ки барои фаъолияти самраноки низоми бонкӣ дар сатҳи иқтисодиёт ва ба хавфҳои эҳтимолӣ кам рубу рӯ шудани бонкҳо ҳамавақт меганизмҳои самараноки рушд мавриди истифода қарор гиранд.

Гуфтан зарур аст, ки муваффақиятҳои уновонҷӯ дар таҳқиқоти анҷомгардида муваффақиятҳои онро ифода менамод. Новобаста аз ин дар таҳқиқоти мазкур хуб мешуд агар унвонҷӯ ба масъалаҳои зерин аҳамият медод:

1. Вобастагии устувории бонк аз нишондиҳандаҳои сандуқи қарзии низоми бонкӣ, механизмҳои асосии паст кардани сатҳи хавфҳои

бонкӣ ва дар заминаи ин беҳтар гардонидани сифати сандуқи қарзӣ бояд ба пуррагӣ дида баромада шавад;.

2. Нақши ташкилотҳои қарзии низомсоз дар ташаккули низоми бонкӣ ва суботу устувории он дида баромада шавад;
3. Роҳҳои муайян намудани устувории бонк бо истифода аз методи баҳодиҳии CAMEL ва дигар нишондиҳандаҳои баҳодиҳии фаъолияти бонкӣ таҳқиқ карда шавад.

Бар замми ҳамаи ин камбудиҳо автореферати диссертатсияи Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич дар мавзуи «Такмили механизми устувории низоми бонкии Тоҷикистон дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, ба талаботи низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич сазовори дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

Муқариз: д.и.и., профессори
кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии
Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Ҷӯрабоев Ғ.Ҷ.

Суроға: 734061, ш.Душанбе, хиёбони Борбад 48/5, бинои 4, утоқи 8.
Тел: 934369060
Почтаи элекронӣ: gafurjon51@mail.ru

Имзои Ҷурабоев Ғ.Ҷ.-ро тасдиқ мекунам,
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДБССТ Ҷураев Ш.Н.